Тақриз

ба дастури таълимии «Ғунчаҳои тарона», муаллифон: Муҳайё Содиқзода, Заррина Рӯзиева, Туғрал Холматов.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дастури таълимии «Ғунчаҳои тарона»-ро мавриди таҳлилу ташхис қарор дода, андешаашро перомуни дастури таълимии мазкур ба тариқи зайл иброз менамояд.

Дастури таълимии «Ғунчаҳои тарона» аз 220 саҳифа иборат буда, бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия шудааст. Дастури таълимӣ характери тарбиявӣ дошта, дар он ба ташаккули диққат, хотир, нутқ, ҷаҳонбинии кӯдакон эҳтибори хоса дода шудааст.

Муаллифони дастур самтҳои муҳими таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабиро ба инобат гирифта, оид ба Ватан, Тоҷикистон, рамзҳои давлатии Тоҷикистон, модар, зебогии табиат, дӯстӣ, меҳрубонӣ шеърҳо пешниҳод намудаанд, ки қобили дастгирист.

Таҳия намудани чунин дастурҳои таълимӣ барои муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдакон ба маврид мебошад. Ҳадафи мураттибон ёрӣ ба мураббияҳо, роҳбарони мусиқӣ ва такмил додани дониш, маҳорату малакаи кӯдакони синни томактабӣ ва мактабӣ буда, ҷиҳати рушд додани истеъдоди кӯдакон, бедор намудани шавқу ҳавас ба мусиқӣ ба инкишофи зеҳнии онҳо мусоидат менамояд. Дастури мазкур, муҳтавои таълимӣ дошта, барои истифода бурдан ба ҳайси роҳнамо ба мураббияҳо ва роҳбарони мусиқӣ тавсия дода мешавад.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ баъди ташхиси дастури таълимии мазкур барои ҷо баҷо намудани гурӯҳбандии синну солӣ ва ҳуруфчинӣ Times New Roman Tj дар дастурро тавсия дода, чопи онро дастгирӣ менамояд.